# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳни дар наврасон” диссератсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ)**

Диссертатсияи пешниҳоднамудаи Фаризаи Файзизода ба масъалаи муҳимми илмию амалии соҳаи психология ва падагогика бахшида шуда, яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Дар шароити тараққиёти ҷомеаи муосир ва низоми таҳсилоти миллӣ инкишоф ва рушди лаёқати зеҳнӣ, аҳҳамияти махсус дорад. Диққати махсус, асосан ба инкишофи дурусти кӯдакону наврасон дода мешавад, то ин ки дар онҳо унсурҳои лаёқати зеҳниро пайдо намуда, дар самти мувофиқи соҳаи муайян рушду тақвиат дод. Мавзуи пешниҳодшуда маҳз ба зуҳуроти гендерии ин падидаи мазкур бахшида шудааст, ки муалиф дар он хусусиятҳо гендерии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳниро дар наврасон мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Мавзуи тадқиқот на танҳо аз лиҳози назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ муҳиму саривақтӣ мебошад. Муаллиф кӯшидааст, ки раванду хусусиятҳои шаклгирии лаёқати зеҳниро дар духтарон ва писарони ҷумҳурӣ дар синни наврасӣ бо усулҳои илмӣ таҳлил намояд. Дар кори илмӣ масъалаи фарқияти ҷинсӣ дар зоҳиршавии қобилиятҳои тафаккур, хотир, диққат ва эҷодкорӣ баррасӣ мегардад, ки метавонад барои таҳияи тавсияҳои методӣ ба омӯзгорон, равоншиносон ва тарбиятгарон истифода шавад.

Унвонҷӯ Фаризаи Файзизода дар тадқиқоти худ аз усулҳои муосири математикӣ-статистикӣ истифода бурда, таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро бо забони дақиқ ва возеҳ пешниҳод намудааст. Навоварии илмӣ ва арзиши амалӣ доштани кор ба дараҷаи хуб иҷро шудани корҳои таҳқиқотӣ ва таҳлили натиҷаҳо шаҳодат медиҳад.

Инчунин натиҷаи пурраи таҳқиқот дар хулосаи умумии он пешниҳод гардидааст. Дар умум қайд намудан ба маврид аст, ки сохтори афтореферати диссертатсия, муҳтавои боб, зербобҳо ва хулосаи кор мувофиқи талабот буда, тамоми қисматҳои рисолаи илмиро фаро мегирад.

Эродҳо ба автореферати диссертатсия: Дар матни афтореферат ғалатҳои гуногуни техникӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебуд.

Доир ба мавзуи диссертатсионӣ муаллиф 7 номгӯи мақолаҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидааст.

Дар маҷмӯъ, рисолаи илмие, ки аз ҷониби диссертант Фариза Файзизода таҳти унвони «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» диссератсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи педагогӣ пешниҳод шудааст, бо сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст) пурра мутобиқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктор PhD
аз рӯйи ихтисоси психология Шаҳнозаи С.Т.

**Суроға:** 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони И. Сомони, 59
Тел: (372) 212546
E-mail: https: //ipovszrt.tj

ПОДПИСЬ
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
“ ” 20 г.

Имзои Шаҳнозаи Саъдӣ Табариро
тасдиқ мекунам,
сардори ШК “ДТБКСТҶТ” Ҳафизова Ф.А.

**Суроға:** 734026 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони И. Сомони, 59
Тел: (372) 212546
E-mail: https: //ipovszrt.tj